Дар доираи накша-чорабинихои чашнӣ ва арчгузорӣ ба сохибихтиёрию давлатдории навини точикон дар мачлисгохи Вазорати мудофиаи мамлакат бо иштироки хайати шахсии Дастгохи маркази Вазорати мудофиа, Ситоди генералии Куввахои Мусаллах ва собикадорони ин ниходи кудратӣ бахшида ба 25-солагии Истиклолияти давлатӣ чамъомади бошукӯхи идона доир гардид.





Чун анъана бо садо додани суруди миллӣ чорабинӣ огоз гардид. Вазири мудофиаи мамлакат генерал-лейтенант Шерали Мирзо хизматчиёни харбиро ба муносибати тачлил аз 25-умин солгарди чашни бузурги миллат Истиклолияти давлатӣ муборакбод намуда, зикр намуд, ки пас аз ба даст овардани истиклоли сиёсӣ бо сарварии Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон самтхои сиёсати дохиливу хоричӣ ва хадафхои стротегии мамлакат, ки рушди устувор ва субботу оромии кишвар аз он вобаста аст, мустакилона муайян карда шуд.





Дар хамин замина сафи чузъу томхои Куввахои Мусаллах низ мукаммал гардида, бо техникаву мухимоти зарурии харбӣ пурра гардонида шудааст. Аз ин лихоз, бо назардошти авзои ноороми чомеаи чахонӣ, хусусан вазъи феълии мамлакатхои шарки наздик ва кишвархои хамсоя мо бояд тамоми кӯшишамонро бахри хифзи ягонагӣ, таквияти иктидори давлат ва зиндагии шоистаи чомеаи кишвар равона созем.

Хамзамон, дар рафти ин чорабинӣ собикадорону афсарон низ суханронӣ намуда,

Истиклолиятро дастоварди беназири таърихамон дониста, хавасмандии худро чихати содикона ба чо овардани вазифахои хизматӣ ва рисолати касбӣ иброз доштанд. Вобаста ба сахми бонувон дар хаёти сиёсии кишвар дар даврони сохибитиклолӣ махсусан афзудани хизматчиёни харбӣ аз хисоби занон дар сафи чузъу томхои Куввахои Мусаллах низ зикр карда шуд.

Дар охир як катор афсарон бо назардошти сахмгузорӣ дар рушду такомули Куввахои Мусаллах ва сарбаландона ба чо овардани вазифахои хизматӣ аз номи Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо мукофотхои давлатӣ ва тибки фармони вазири мудофиаи мамлакат бо ордену медалхои чашнӣ ва дигар тӯхфахои хотиравӣ кадрдонӣ шуданд.